**ТДУ 332, 234,4:631 1**

# ОМИЛҲО ВА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ЗАМИНДОРӢ

**Ализода Тоҳир - доктор PhD, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калимаҳои асосӣ****: замин, самаранокӣ, захираи замин, ҳудуди ҳифзи замин, эрозия, ҳосилхезии иқтисодӣ, такроистеҳсолкунӣ.*

Дар муқоиса ба дигар воситаҳои истеҳсолот замин дар ҳолати дуруст муносибат кардан ба он на танҳо сифати табиии худро гум намекунад, балки беҳтар мешавад. Ба истифодаи сарфакоронаи замин ҳама вақт таваҷҷуҳ зиёд буд. Дар шароити имрӯза бошад, масъалаи мазкур ҳарчи бештар муҳим мегардад, ки ин ба як қатор сабабҳо вобаста аст.

Аввало, вобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ ва бетағйирмонии ҳудуди замин, ҳамчунин таъсири омилҳои дигар шумораи аҳолӣ ба майдони заминҳои коркардшаванда (киштзор) ба ҳисоби ҳар як сари аҳолӣ торафт кам мешавад. Ин маънои онро дорад, ки рушди истеҳсолот ва истеъмоли маҳсулотро ба ҳисоби ҳар як сари аҳолӣ бояд аз ҳаҷми ками майдони мавҷудаи замин аз ҳисоби беҳтар истифода бурдани он таъмин намуд.

Раванди мазкур боз аз он сабаб мушкилтар мешавад, ки заминҳои зиёди барои хоҷагии деҳот мувофиқ бо сабаби сохтмони иншооти саноатӣ ва шаҳрвандӣ, ҳамчунин дар натиҷаи таъсири бодхӯрӣ (эрозия) ва омилҳои дигари вайронкунандаи замин аз гардиш мондааст. Агар дар замонҳои пеш заминҳои васеъ ба гардиши хоҷагӣ ҷалб мешуда бошанд, ҳоло дар ин самт имкониятҳо хеле кам гаштаанд.

Аҳамияти истифодаи сарфакоронаи замин вобаста ба суръати пешрафти илмию техникӣ (ПИТ) меафзояд. Баъзе самтҳои он (химиконӣ, механикунонӣ, технологияи нав ва ғайра) агар бесаводона истифода карда шавад, ба замин оқибатҳои манфӣ мерасонад. Танҳо истифодаи илман асосноки дастовардҳои пешрафтаи илмию техникӣ (ПИТ) оқибатҳои имконпазири манфии таъсир ба заминро сабук ва дар баъзе ҳолат пурра бартараф карда метавонад. Ҳамчунин он ба инсон барои муносибати эҳтиёткорона ба замин воситаи пурзӯр фароҳам меорад.

Бояд гуфт, ки беҳтаркунии истифодаи захираи замин мушкили калони маҷмӯӣ ба ҳисоб меравад. Он аз ҳалли чор вазифаи зерин иборат аст, ки ҳар яке аз онҳо ба низоми чорабиниҳои алоҳида мутобиқ мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

- камкунии майдонҳое, ки бо сабабҳои гуногун аз гардиши хоҷагӣ мондаанд, ба гардиш ҷалб намудани қитъаҳои замини қаблан дар истифода набуда;
- ҳифзи замин аз бодхӯрӣ (эрозия) ва равандҳои дигари харобкунанда;
- баланд бардоштани ҳосилхезии замин;
- истифодаи беҳтар ва пурраи ҳосилхезии иқтисодии замин.

Зиёднамоии заминҳои хоҷагии қишлоқ ба рекултиватсия- ба ҳолати истифодашаванда даровардани заминҳое, ки қаблан барои истихроҷи канданиҳои фоиданок ва мақсадҳои дигар истифода шуда буданд, баргардондани онҳо ба ҳисоби замини кишоварзӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми гузарондани заминсозӣ бояд вариантҳои нисбатан сарфакоронаи ҷойгиронии роҳҳо ва сохтмонҳо интихоб карда шаванд, заминҳои холӣ ва бекормонда ба муомилот ворид карда шаванд.

Ҳифзи замин ва ҳосилхезии он тариқи низоми васеи чорабиниҳои махсус таъмин карда мешавад, ки ба онҳо дохил мешаванд: коркарди бечаппагардони замин, киштгардони заминҳифзкунанда, дарахтшинонии муҳофизатӣ, роҳҳои дигари мубориза бар зидди бодхӯрии шамолӣ ва обӣ.

Афзуннамоии ҳосилхезии иқтисодии замин дар асоси чорабиниҳое, ки мавҷудияти моддаҳои ғизонокро дар хок зиёд мекунад, хосияти агрофизикӣ ва фаъолнокии биологии хокро афзун менамояд, ба даст меояд. Туфайли ҷой доштани ин ҷиҳатҳо дар хок моддаҳои ғизонок барои азхудкунии растаниҳо бештар дастрас мешаванд. Ба ин ҳамроҳ кардани нуриҳо, обёрӣ, азхудкунии киштгардони дуруст ва бисёр чорабиниҳои дигар имконият фароҳам меоранд.

Барои истифодаи боз ҳам пурраи афзоиши ҳосилхезии замин, ҳамчунин навъҳои серҳосили растаниҳо, технологияҳои интенсивии захираю энергиясарфакунанда, зичии мувофиқи кишт, чорабиниҳои маҷмӯӣ оид ба мубориза зидди алафҳои бегона, касалиҳо ва зараррасонандаҳои растаниҳо зарур мебошанд.

Ҳалли бомуваффақияти ҳамаи ин масъалаҳо оид ба беҳтарнамоии истифодаи замин ба азхуднамоии сарфакоронаи низоми зироаткорӣ вобаста аст. Он аз маҷмӯи чорабиниҳои агротехникӣ, мелиоративӣ, ки ба истифодаи сарфакоронаи замин, ҳифз, эҳё ва баланд бардоштани ҳосилнокии замин нигаронда шудаанд, иборат аст. Низоми заминсозкунӣ ҷузъҳои асосии зеринро дар бар мегирад: ҷорикунӣ ва азхудкунии киштгардон; усулҳои мубориза алайҳи бодхӯрии замин ва коркарди сарфакоронаи он; системаҳои мошин ва нуриҳо; оҳакзании замин; хушккунӣ ва обёрӣ; тухмипарварӣ; парвариши заминҳои алафи табиӣ ва чарогоҳҳо; мубориза бар зидди алафҳои бегона, зараррасонандаҳо ва касалиҳои растаниҳо; чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Ҳамин тавр, танҳо дар ягонагии паиҳам ва алоқамандии байниҳамдигарӣ низоми заминкоркунӣ ба вуҷуд меояд.

Вазъи буҳронии сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чорабиниҳои фавриро оид ба беҳтаргардонии ҳолат ва истифодаи фонди замин талаб мекунад. Дар ин маврид нақши асосиро дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин давлат мебозад. Дар навбати аввал давлат бояд

барномаҳои мақсаднокро оид ба ҳифзи киштзор, роҳ надодан ба камшавӣ ва истифодаи ғайримақсадноки замин таҳия ва амалӣ созад, дуввум ба тағйирёбии шароити умумииқтисодӣ мусоидат намояд. Тағйирёбии шароити умумииқтисодӣ барои такрористеҳсолкунии васеъ ва интенсификатсияи хоҷагии қишлоқ, иҷрои бартариҳои муносибатҳои нави моликият ва механизми хоҷагидорӣ асоси мустаҳкам гузошта метавонад.

Воситаи асосии истеҳсолот дар хоҷагии деҳот замин мебошад. Ҳамаи чорабиниҳоеро, ки ба истифодаи нисбатан пурра ва самараноки он мусоидат менамояд, ба гурӯҳҳои зерин метавон муттаҳид кард:

1.Ба истифодаи истеҳсолӣ ворид кардани ҳар як гектар замини ба хоҷагӣ вобастакардашуда; роҳ надодан ба ихроҷшавии заминҳо аз гардиши кишоварзӣ.

2.Баланд бардоштани ҳосилхезии иқтисодии замин. Ин пеш аз ҳама обёрӣ ва хушконидан, мелиоратсияи химиявӣ, истифодаи нуриҳо, азхуднамоии киштгардон, беҳтаргардонии ҳолати марғзорҳо ва чарогоҳҳоро дар назар дорад.

3.Ҳифзи ҳосилхезӣ ва нигоҳубини замин: ҷангалпарварии заминмуҳофизаткунанда, технологияҳои заминҳифзкунанда ва киштгардон, низоми чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди бодхӯраи шамолӣ ва обӣ.

4.Истифодаи сарфакоронаи ҳосилхезии иқтисодии замин: истифодаи навъҳои нисбатан ҳосилхез, беҳтаркунии тухмипарварӣ, такмили схемаи ҷобаҷогузории растаниҳо, риояи мӯҳлати мувофиқи гузарондани корҳои хоҷагии қишлоқ ва бо сифати баланд ба роҳ мондани онҳо, мубориза алайҳи касалиҳои растанӣ, зараррасонандаҳо ва алафҳои бегона. Чорабиниҳои қисмати мазкур ба хосияти агрохимиявии замин бевосита таъсир намерасонанд, аммо ба истифодаи беҳтари моддаҳои ғизобахши дар он мавҷуда мусоидат хоҳанд кард.

5.Чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ: такмили сохтори майдонҳои кишт бо назардошти конъюнктураи бозор, амиқгардонии махсусгардонӣ, истифодаи шаклҳои пешқадами ташкил ва пардохти маош, такмили шаклҳои хоҷагидорӣ ва ғайра.

Истифодаи босамари замин бе ташкили сарфакоронаи ҳудуди корхонаи хоҷагии қишлоқ ғайриимкон аст. Бо ин мақсад дар ҳар хоҷагӣ лоиҳаи заминсозӣ бо асосноккунии аниқи ташкилию агроиқтисодӣ таҳия карда мешавад.

Лоиҳаи заминсозии дохилихоҷагӣ аз қисматҳои зерини таркибӣ иборат аст:

- ҷобаҷогузории нуқтаҳои аҳолинишин, корхонаҳои истеҳсолӣ, шабакаи роҳҳо, иншооти муҳандисӣ;

- ташкили киштзорҳо, аз он ҷумла, бо муайян кардани таркиб ва майдонҳои кишт, таҳияи чорабиниҳо оид ба трансформатсия ва беҳтаргардонии кишт, ҳифзи зидди бодхӯрии он;

- ҷобаҷогузории ҳудудҳои кишт: ташкили киштгардон, ҷобаҷогузории майдонҳои киштгардон, роҳҳои байни қитъаҳо;

- ҷобаҷогузории ҳудудҳои кишти хӯроки чорво: ташкили истифодаи чарогоҳ, майдонҳои алафдаравӣ, замини партов;

- бунёди ҳудудҳои растаниҳои бисёрсола.

Лоиҳакашии мазкур аз баминтақадарории вазифавии ҳудудҳо бояд шурӯъ шавад. Он аз ҷудонамоии қитъаҳое, ки бо хусусияти табиӣ ва ҷойгиршавӣ барои ин ё он мақсад (ҷойгиронии қитъаҳои истеҳсолӣ, кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ, дарахтшинонӣ, сафедгарӣ ва ғайра), нисбатан мувофиқанд, иборат мебошад. Сипас, бо назардошти ҷобаҷогузории нуқтаҳои аҳолинишин ва махсусонидани хоҷагиҳо сохтори ташкилию истеҳсолии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама ҷойгиронии минтақаҳои истеҳсолӣ: коргоҳҳо, қитъаҳои истеҳсолӣ, шуъбаҳо, фермаҳои чорводорӣ ва объектҳои дигари хоҷагидорӣ муайян карда мешавад.

Таваҷҷуҳи махсус ба мушкилоти такрористеҳсолкунии ҳосилхезии замин равона карда мешавад. Низоми бароҳмонии хоҷагии қишлоқ нигоҳдории мусбати балanси гумусро бояд таъмин намояд ва ба ҳифзи замин ва муҳити зист мусоидат кунад.

Ба лоиҳаи заминсозии дохилихоҷагӣ низоми чорабиниҳои зиддибодхӯриро низ ҳамроҳ кардан лозим аст.

Қисмати муҳимми лоиҳаи заминсозӣ сохтмони ҳудуди кишт аст; ҷузъи асосии он ташкили киштгардон ба ҳисоб меравад. Он бо назардошти конъюнктураи бозор, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, махсусонидани корхона ва ҳолати сифатии замин анҷом дода мешавад.

Ташкили дурусти киштгардон имконият медиҳад:

-ҷоринамоии сохтори сарфакоронаи майдонҳои кишт;

-таносуб ва паиҳамии дурусту мувофиқи кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ бо назардошти махсусиятҳои биологӣ ва талаботи зироати пешкиштшуда;

-интихоби дурусту мувофиқи усули коркарди замин барои ҳифзи замин аз бодхӯрӣ;

-истифодаи босамар ва мақсадноки нуриҳои маъданӣ ва органикӣ;

- ташкили шароити ҳудудӣ барои корҳои истеҳсолии агрегатҳои мошинию тракторӣ;

-ҷорӣ кардани шаклҳои пешқадами ташкил ва пардохти музди меҳнат.

Ҳамин тавр киштгардон аз ҳисоби пайдарпайии кишти сарфакоронаи зироатҳо аз рӯйи вақт ва ҳудудҳои хоҷагӣ имконият медиҳад, ки заминҳои кишт нисбатан пурра ва самаранок истифода бурда шаванд.

Майдони киштгардон ин қисмати баробари минтақаи киштгардонест, ки барои ҷойгиронии зироатҳои хоҷагии қишлоқ, иҷрои маҷмӯи усулҳои технологии парвариш, оид ба гузарондани чорабиниҳои баландбардории ҳосилхезии замин дар назар дошта шудааст. Фарқият дар майдони он набояд аз 5-7% зиёд бошад. Чунин майдонҳо аз рӯйи имконият дар шакли росткунҷа ё росткунҷаи трапетсия лоиҳагирӣ карда мешаванд. Одатан дарозии майдон 1500-2500 м аст, аммо аксар вақт аз шароити табиӣ вобаста мебошад. Бари он вобаста ба худи майдон муайян карда мешавад. Мутахассисон дар ақидае ҳастанд, ки таносуби беҳтари дарозӣ ва бари замин 1:2 ё 1:3 дар ҳолати 150-200 гектар ва зиёда аз он будани майдон, 1:4 ҳангоми камтар аз 50 гектар будани майдон мебошад. Майдонҳо бо назардошти таркиби хок, пастию баландии замин, шароити релеф, фаъолнокии бодхӯрии замин ва омилҳои дигар ташаккул дода мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Андришин М.В., Магазинщиков Т.П. Эффективность организациям использования земельных ресурсов – Львов: Вишешкола, 2011.- С. 172
2. Актуальные проблемы использования земельных ресурсов в аграрной секторе экономики / Сборник научных трудов –Спб: СПГАУ, 2002.- С. 11-16
3. Андрющенко С., Крючков В. и др. Логические аспекты устойчивости воспроизводственных процессов в региональных агросистемах // Экономика сельского хозяйства Россия, 1996.- №12.- С. 16-20
4. Нечаев В.И., Барсукова Г.Н., Повышатов М. Эффективность использования земельных долей // АПК: Экономика, управление, 2009.- №4.- С. 17, 23
5. Нечаев В.И. Проблемы управления земельными ресурсами и использования земель в аграрном производстве: монография/ В.И. Нечаев, Г.Н. Барсукова и др. – Краснодар: Антри, 2008.- С. 28



## АННОТАЦИЯ

## ФАКТОРЫ И ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЛИ

В научной статье изучено и анализировано вопросы эффективности использования земли, причины и факторы выхода земли из сельскохозяйственного оборота, улучшеные мелиоративного состояния земли, плодородия земель, пути улучшение плодородия земли, правильные организации и внедрения севооборота, кризисная ситуация аграрного сектора, территории сельхоз предпятия, структуры внутрихозяйственных проектов землеустройства и т. д.

## ANNOTATION

## FACTORS AND WAY OF INCREASING THE EFFICIENCY OF USE THE EARTH

In this scientific article analyzed questions of efficiency of the use the earth, reasons and factors of the leaving the earth of agricultural turn, find ameliorative condition of the earth, fertilities of the earth, the way of improvement fertilities of the earth, correct organizations and introduction crop rotation, crisis situation agriculture sector, territory agriculture enterprise, structures inwardly economic project to earth device and etc.



***Key words:*** *earth, effective, earth resources, territory, defense of earth, erosion, economy of richness, reproduction.*